# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Шарифамоҳ Пирмаҳмадовна ба диссертатсия ва автореферати Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Кори илмию таҳқиқотии Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаби илми педагогика – иҷтимоишавии донишҷӯён бахшида шудааст.

Мубрамияти коркарди диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар марҳилаи имрӯза раванди тағйиротҳои босуръати ҷомеа, бархӯрди фарҳангҳо, ба дигаргуншавии принсипҳои иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсири бесобиқаи худро гузошта истодааст. Маълум аст, ки иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифаи аввалиндараҷа дар фаъолияти таълимӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин давра шахсияти донишҷӯён ташаккул ёфта, ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури мантиқӣ, фикрронии мустақил, ақидаҳои шахсӣ, идроки маърифатию ахлоқии онҳо босуръат рушд меёбанд.

Дар шароити кунунӣ хеле муҳим аст, ки ҷавонон мансубияти этникии худро бо идроки умумият ва тафовут дар арзишҳои фарҳангии кишварҳои гуногун пурра дарк намоянд. Анъанаҳои этнофарҳангӣ ба иҷтимоишавии донишҷӯён таъсири калон мерасонанд, зеро онҳо унсури ҳаёти воқеӣ мебошанд. Мубрамиятҳои баёнгардида дурустии интихоби мавзуи рисолаи илмиро исбот менамоянд.

Бо назардошти асосҳои илмӣ доштани мубрамияти пажӯҳиши масъалаи мазкур диссертант мавзуи илмӣ-таҳқиқотии худро атрофи коркард ва дарёфти роҳу усулҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир интихоб намуда, дар даврахои таҳқиқот тибқи нақшаи мушаххаси корӣ аз рӯи нишондоди он корбарӣ намуд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар як боб вобаста ба мавзуи таҳқиқ дорои фасл ва зерфаслҳоянд, хулоса, тавсияҳо ва аз рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби якуми рисола, ки "Асосҳои назариявии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" масъалаҳои иҷтимоишавии шахсият ҳамчун масъалаи педагогӣ, мақоми муассисаҳои олии касбӣ дар иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯён, асосҳои назариявии муайян кардани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён баррасӣ гардидааст.

Боби дуюми рисола "Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" ба масъалаҳои методикаи майянсозии дараҷаи иҷтимоишавии донишҷуён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи амсилаи иҷтимоии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст.

Дар боби сеюми рисола "Таҳқиқу озмоиши шароитҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" масъалаҳои хусусиятҳои иҷтимоишавии фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён, таҳқиқ ва озмоиши таълимии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ гардидааст.

Дар давраи пеш бурдани кори илмӣ-таҳқиқотӣ Фозилзода Шерафкан Орзу ғайр аз унвонҷӯи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими буданаш, барои донишҷӯёни Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон машғулиятҳо доир мекард, ки он барои дарёфти муаммои кори илмӣ кумаки амалӣ мерасонид.

Фозилзода Шерафкан Орзу дар ҷараёни пешбурди кори илмӣ-таҳқиқотӣ худро аз нигоҳи мусбӣ нишон дода тавонист. Супоришҳои бар зиммааш гузошташударо сари вақт иҷро намуда, нақшаи коркарди рисолаи илмиро марҳила ба марҳила иҷро менамуд. Дар ӯ хусусиятҳои мустақилона пеш бурдани кори илмӣ аз наздик эҳсос мегардид. Дар коркарди муаммои илмии интихобнамудааш масъулиятшиносона муносибат намуда, аз роҳ, усул ва шаклҳои гуногуни пешбурди пажӯҳиши илмӣ бомаврид ва самаранок истифода кардааст.

Фозилзода Шерафкан Орзу натиҷаҳои бадастомадаро аз таҳқиқи мавзуъ ва коркарди он дар озмоишҳои педагогӣ дар қисмати хулосаи диссертатсия ироа кардаааст, ки пояи баланди илмию методӣ дошта, истифодаи онҳо дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯён, ҷиҳати тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносиву худогоҳии онҳо замина муҳайё мекунанд. Диссертатсия аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ қавӣ буда, ба ҳама меъёрҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон нисбат ба

рисолаҳои номзадӣ пешниҳод кардааст, ҷавобгӯй мебошад. Натиҷаҳои илмӣ, тавсияҳои методӣ ва хулосаҳои диссертант боварибахш буда, бо санадҳои эътимоднок асоснок карда шудаанд. Забони навишти рисолаи илмӣ сода, равон ва ба талаботи рисолаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти мукаммалу анҷомёфта буда, дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ иншо шудааст. Ҳамаи ин аз камолоти маънавӣ ва қобилияти хуби пажӯҳандагӣ доштани Фозилзода Шерафкан Орзу шаҳодат медиҳад. Бинобар он, рисолаи ӯ дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои муҳокима ва дифоъ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) пешниҳод мегардад.

Рисолаи илмии Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ва бо тағйироту иловаҳо аз 26.06.2023 таҳти №295 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Котибова Шарифамоҳ Пирмаҳмадовна

08.01.2026

*Имзои Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Ҳакимова Х.С.